То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

15 июни соли 2021

№ 11-12
(141-142)

## ИШТИРОКИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН ДАР БАРНОМАИ ФАРҲАНГИИ “ШОМИ ДӮСТӢ” ДАР КОХИ БОРБАД

**10.06.2021**



10 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар консерти тантанавии ходимони фарҳангу санъати Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таҳти унвони “Шоми дӯстӣ”, ки дар Кохи Борбад баргузор шуд, иштирок намуданд.

Чорабинии мазкур бо суханронии Сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев оғоз гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар қаноатмандию нишоти худ ва мардуми Тоҷикистонро аз ташрифи расмии меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сарзамини офтобию меҳмоннавози Тоҷикистон изҳор намуда, натиҷаҳои онро қадами муҳиму устувор дар роҳи таъмиқи муносибатҳои неки ҳамҷаворӣ арзёбӣ карданд.

Таъкид гардид, ки муносибатҳои дӯстии мардумони мо аз қаъри таърих реша мегирад ва он бояд бо талошу ташаббусҳои муштараки халқҳо то абад поянда бимонад.

Зимни суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев аз пазироии гарму самимӣ, дӯстона ва бародаронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми тоҷик изҳори хушҳолӣ ва сипосу қадрдонӣ карданд.

Дар баромади худ Сарони давлатҳо инчунин оид ба идомаи анъанаи неки муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ, ҳамсоягӣ, хешу таборӣ ва рушду густариши ҳамкории гуногунҷанба ба манфиати мардумони ҳар ду кишвар андешаронӣ карда, баргузории консерти устодони санъати Тоҷикистону Ӯзбекистонро таҳти унвони “Шоми дӯстӣ” намунаи беҳтарини ҳамкории фарҳангӣ маънидод намуданд.

Макони баргузории чорабинии фарҳангӣ - толори Кохи Борбад бо иштироки Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев аз самимияту дидори мардумони ба ҳам дӯсти ду кишвари ҳамсоя фазои тозаи идона дошт.

Баъди суханронии сарони давлатҳо чорабинии фарҳангии “Шоми дӯстӣ” бо барномаи рангину пурмуҳтавои аҳли фарҳангу санъати ду кишвар, ки тараннумкунандаи дӯстии мардумони Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошад, идома ёфт.

**www.president.tj**

## МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОРДЕНИ “ЗАРРИНТОҶ” ДАРАҶАИ I БА ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ

Шоми рӯзи 10 июн дар маҷмааи давлатии “Кохи Борбад” дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвари кишвари дӯсту бародар муҳтарам Шавкат Мирзиёев “Барои хизматҳои шоён ҷиҳати таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ, тавсеаи робитаҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ миёни халқҳои тоҷик ва ӯзбек, рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон” дар вазъияти тантанавӣ бо Мукофоти олии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ордени “Зарринтоҷ” дараҷаи I сарфароз гардонида шуданд.



## ИҚТИБОСҲО

### АЗ СУХАНРОНИҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Мо имрӯз метавонем бо ифтихор изҳор намоем, ки истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дастоварди бузургтарин ва воқеан таърихии тоҷикон мебошад.

***

Ормонҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ аз мову шумо ҳалли проблемаҳои муҳими иҷтимоӣ – рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, суръатбахшии бунёди иншооту сохтмонҳои азим, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, дастгирии ятимону бепарасторон, таҳкими волоияти қонун ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолиро тақозо дорад.

***

Воқеияти зиндагӣ ва таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки агар шаҳрвандон маърифати баланди сиёсӣ надошта бошанд, дар миёни онҳо ваҳдату якдигарфаҳмӣ пойдор намемонад.

***

Андешаи миллатсози ваҳдат ҳамон вақт самараи дилхоҳ ба бор меорад, ки қабл аз ҳама моҳият ва мафҳуми Ватану ватандорӣ, қадру манзалати истиқлолияти давлатӣ, худшиносиву худафрӯзӣ, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои волои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар қалбу шуури ҳар як шаҳрванди кишвар ҷой гирад ва решадор гардад.

***

Ваҳдат ҳамчун омили муайянкунандаи бақои давлати миллӣ танҳо дар сурати ягонагиву ҳамбастагии тамоми мардуми кишвар, дар муқобили таҳдиду хатарҳои муосир, бо муносибати некбинонаи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ташаккул меёбад.

***

Ҷомеа ё миллате, ки ғояи ваҳдати миллӣ надорад, ҳамеша эҳтимолияти ба бӯҳрони сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифтор шуданаш мумкин аст.

***

Тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ваҳдат, худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар шароити имрӯза аҳамияти беш аз пеш касб менамояд.

***

Ҳар як фарди бедордили ҷомеа, ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон, ки барояш Ватан ва сарзамини аҷдодӣ қадру манзалат дорад, бояд сулҳу ваҳдатро чун гавҳараки чашм ҳифз карда, барои ободиву пешрафти кишвар ҷаҳду талош намояд.

***

Бигзор, ваҳдати ҷовидонаи миллӣ, сулҳу суботи поянда, ормонҳои волои истиқлолият ва ҳадафҳои наҷиби бунёдкориву созандагӣ ҳидоятгари пиру барнои Тоҷикистони азизамон бошад.

# ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ



**Ҳамкасбон ва донишҷӯёни азиз!**

27-уми июн аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, яъне Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки он барои тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон азизу муқаддас маҳсуб мешавад, 24 сол сипарӣ мегардад. Ба ин муносибат Шумо омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни гиромиро сидқан табрику таҳният гуфта, бароятон хушбахтӣ ва дар амалӣ намудани нияту нақшаҳоятон ҷиҳати боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани сифати таълим ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барору комёбӣ орзу менамоям.

Ваҳдати миллӣ, ки рушду нумӯъ ва ободию шукуфоии имрӯзу фардои Ватан аз он сарчашма мегирад, ҳар яки моро вазифадор менамояд, ки дар боз ҳам мустаҳкамтар гардонидани пояҳои ваҳдати миллӣ ва устувории сулҳу суботи кишвар ҷаҳду талошҳои зиёд намуда, дастоварду комёбиҳоямонро афзун намоем.

Омӯзгорон ва донишҷӯёни гиромӣ, тавре Президенти маҳбуби кишварамон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: “Ҳар як сокини кишвар, сарфи назар аз мансубияти миллиֵву динӣ ва ақидаи сиёсии худ бояд дарк намояд, ки ҳам рушди ҷомеа ва ҳам умеду орзуи ӯ фақат дар сурати пойдории сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ амалӣ шуда метавонад”. Дар алоқамандӣ ба ин, мову Шумо, ки омӯзгор ҳастему дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат, бахусус тарғибу ташвиқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми бештар гузошта метавонем, муваззаф ҳастем, ки ҷавонон – донишҷӯёнро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва манфиатҳои давлатию миллӣ тарбия намоем. Боварӣ дорам, ки Шумо – ҳамкасбони азиз, аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи муҳим бо сарбаландӣ баромада, дар кори таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони рақобатпазири ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ саҳми муносиб мегузоред.

Омӯзгорон ва донишҷӯёни гиромӣ, бо дарназардошти он, ки сулҳ барои мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон хеле гарон ва бо роҳи мушкилу тӯлонӣ ба даст омад, бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо бирасем ва шукрона кунем, ки дар фазои сулҳу субот кору зиндагӣ карда истодаем. Маҳз ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта Пешвои миллат дар яке аз суханрониҳояшон баён доштанд, ки: “Ваҳдати миллӣ бояд аз ҳама гуна ихтилофи назар, гуногунандешии сиёсӣ, манфиатҳои ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва ғайра болотар ва дахлнопазир бошад, аҳли ҷомеаро муттаҳид, якдил, эҳтиром ва якпорча созад”.

Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло дар бораи аҳамияти бузурги ваҳдати миллӣ гуфтааст:

**Ҳастии мо дар кафи мушти**
**ту танҳо бегазанд аст!**
**Ҳастии мо бо ту зебо, бо ту ширин,**
**бо ту қанд аст!**

Бори дигар Шумо омӯзгорону донишҷӯёни гиромиқадрро ба Рӯзи ваҳдати миллӣ муборакбод гуфта, орзуманди онам, ки тамоми мақсаду ниятҳои некатон ҷомаи амал пӯшад.

# СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ БА ОСОНӢ БА ДАСТ НАОМАД

Мусаллам аст, ки баробари ба истиқлолият расидани давлати тоҷикон қувваҳои бадхоҳу манфиатҷӯ ҷанги бародаркушро ба кишвари мо таҳмил карданд, ки сабаби кушта шудани зиёда аз 150 ҳазор бошандагони кишвар ва шикасти пойгоҳи иқтисодиву иҷтимоӣ гардид. Мавриде, ки аз истиқрори сулҳ сухан мекунем саргаҳи он ба Иҷлосияи 16-уми тақдирсози Шӯрои Олӣ иртибот мегирад, ки моҳи ноябри соли 1992 баргузор гардид ва дар ин лаҳзаҳои мушкил ва сарнавиштсоз сарварии давлат бар дӯши Эмомалӣ Раҳмон, ки он замон 40 сол доштанд, гузошта шуд. Аз аввалин корҳоеро, ки ин сарвари ҷавон анҷом дод парчамро ба чашмони худ молида савганд ёд кард, ки то охирин гурезаро ба кишвар барнагардонам ва мардумро ба сулҳу салоҳ наёварам, худро ором ҳис нахоҳам кард. Ба ин манзур, аз соли 1994 то соли 1997 тайи се солу се моҳ дар 21 нишаст фарзандони баномуси тоҷик масири баҳамоиро кашф намуданд.

Мусаллам аст, ки мусолеҳаи миллӣ дар ҷои хушку холӣ ба миён намеояд, заминае зарур аст, ки ибтидои фаъолияти қувваҳои муросогар бошад. Ташаккули чунин замина ба сифати шарти пешакии раванди мусолеҳаи миллӣ амал менамояд. Дар бисёр ҳолатҳо ба сифати замина ё худ шарти пешакии раванди мусолеҳаи миллӣ қатъ гардонидани амалиётҳои ҷангӣ ё дар муддати муайян оташбаст эълон намудан аст. Яъне расидан ба мусолеҳаи миллӣ раванди мураккаби сиёсӣ буда, чандин марҳилаҳоро дар бар мегирад. Аз ҷумла муколимаи ҷонибҳо дар шакли бевосита ва ё бавоситаи миёнравҳо, комиссияи сиёсӣ, барномаҳои мушаххаси фаъолият ва амсоли ин ба тавсиб расонидани санадҳои сиёсию ҳуқуқӣ нақш мебозанд. Рафти омодагӣ ба муколима низ кори чандон осон нест, он аз ҷонибҳо масъулият ва амалҳои зиёдеро талаб менамояд. Махсусан аз қувваҳои сиёсие, ки дар сари қудратанд, амалҳои гуногунро интизор бояд дошт. Нерӯҳои ҳоким барои он ки ҷонибҳои дигарро ба муколима моил намоянд, силсилаҷорабиниҳоро ба амал мебароранд, аз ҷумла эълон доштани низоми бисёрҳизбӣ ва риояи он, бекор намудани сензураи сиёсӣ, таъмини риояи ҳуқуқҳои асосии инсон, озодии сухан, матбуот, гирдиҳамоиҳо, маҷлисҳо, қонунигардонидани иттиҳодияҳои сиёсӣ, оппозитсионӣ пеш аз ҳама, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои мардумӣ, авф ва озод намудани маҳбусони сиёсӣ, имконияти баробар ба ҳама шаклҳои моликият ва амсоли ин. Қобили қайд аст, ки барои расидан ба ваҳдати миллӣ ҳукумати кишвар дар шахсияти Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи амалҳои дар боло зикршударо анҷом доданд, то раванди ба мусолиҳаи миллӣ расидан ба амал бароварда шавад.

Зимни ҳамагуна муносибат ҳайатҳои ҳарду ҷониб тавонистанд, ки хушунату навмедиро аз миён бардоранд то эътимоду боварӣ ба даст биёяд ва нуқтаи назарҳо ба ҳам бархӯрад. Дар ин лаҳзаҳо манфиатҳои умумишаҳрвандию умумимиллӣ, бақои давлати соҳибистиқлол, муқаддасоти Ватан ба тамоми самтҳои мавҷудияташ дар қаъри тафаккури ҷонибҳо қарор дошт. Ҳарду ҷониб дарк карданд, ки натиҷаи ихтилоф метавонад ба аз байнравии давлати соҳибистиқлолу ягона бо номи тоҷику Тоҷикистон ба миён ояд. Дарки ин нукта ба ҳам омадани назарҳо ва сабаби ба имзорасии созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ гардид. Созишномаи мазкур 27-уми июни соли 1997 ба тасвиб расида, раванди ба ҳам омадани ҷонибҳо ва сулҳи деринтизори тоҷиконро ба миён овард. Мусаллам аст, ки пас аз ба тасвиб расидани созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ ба хотири аз байн бурдани кинаву адоват ҷиноятҳои қаблан содиршудаи гурӯҳҳои муайян шакл гирифтанд. Воқеан пас аз созишномаи сулҳ ва истиқрори миллӣ то солҳои 2000-ум раванди пурраи ба сулҳу субот расидан роҳ ҳамвор карда шуд. Зеро пас аз истиқрори сулҳ низ гурӯҳҳое буданд, ки ба раванди сулҳ ҳамроҳ нагардида бар алайҳи мардум ва миллати хеш дар кӯҳҳо паноҳ бурда, гоҳ-гоҳ шабохун мезаданд, ки намунаи ин гурӯҳҳо метавон гурӯҳи Раҳмон Гитлер, Алии Бедакӣ, мулло Абдулло ва амсоли инро ҳисобид, ки то ба охир бо мардум ва давлат дар мухолифат қарор гирифтанд. Сарфи назар аз он чун аксарияти мардуми кишвар аз низову кашмакашиҳои дохилӣ хаста шуда буданд, ҳарчи зудтар расидан ба сулҳу салоҳро роҳи наҷоти миллат медонистанд. Ҳамин буд, ки мусолеҳаи миллӣ ба миён омад.

Дар ҳар гуна ҷомеа раванди татбиқи сиёсати мусолеҳаи миллӣ ва барқарор намудани сулҳ ва ризоият дар ҷомеа замоне оғоз меёбад, ки тарафҳо ба ҳамдигар бовар намоянд. Эътибори баланди манфиятҳои миллию давлатӣ ва дар заминаи он дур шудан аз манфиатҳои гурӯҳию эгоистии хеш сиёсати мусолеҳаи миллиро пирӯз мегардонад. Вазъият ва ҳолати мазкури мусолеҳаи миллиро муқовиматҳои сиёсии Тоҷикистони навин ба пуррагӣ истифода менамоянд.

Раванди мусолеҳаи миллӣ дар Тоҷикистон бо мушкилиҳои зиёд шурӯъ гардида бо ҷаспу талош, ҷасорат ва азхудгузаштанҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон то расидан ба созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ тақвият ёфт. Онро Президенти ҷумҳурӣ ва роҳбари иттиҳодияи нерӯҳои оппозитсионӣ имзо намуда расмият бахшиданд. Ин созишнома расман ба ҷанги ҳамватанӣ ва ҷанги худкушию бародаркушӣ хотима бахшид. Ҳазорҳо нафар одамонро ба Ватан баргардонид ва дар дили тоҷикистониён шӯълаи умедро зинда намуд.

Мавриди зикри хос аст, ки дар раванди ташаккул ва инкишофи мусолеҳаи миллӣ ва ба воқеият табдил ёфтани он мақоми пешбарро сарварони сиёсӣ ва нерӯҳои ҳоким касб менамоянд, маҳз ақлу заковат, донишу маҳорат ва истифодаи самараноки таҷрибаи мамлакатҳои гуногун ба сарвари сиёсӣ ва роҳбари давлат имконият медиҳад, ки масъулиятро ба дӯш гирифта, қарори ягонаю дурустро қабул намояд. Чунин сифатҳо боиси он гардидаанд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ватандори асил аз кишвари соҳибистиқлолаш дифоъ намояд, ба сифати муаллифи таълимоти мусолеҳаи миллӣ онро ба итмом расонид ва бо итмом расидани он Тоҷикистон як давраи мушкилу фоҷеаборро сипарӣ намуд. Ҳамин тариқ, раванди мусолеҳаи миллӣ зери сарпарастӣ ва кӯшишу талошҳои бевоситаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифта бо вогузор кардани 30 дар 100 мансабҳо ба иттиҳодияи мухолифин, авф намудани ҳамаи гуноҳҳои аз ҷониби онҳо содиршуда ва расмият бахшидан ба фаъолияти ҲНИ дар дохили кишвар аз амалкардҳои муҳимми сиёсии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири расидан ба созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Бояд қайд кард, ки пас аз тасвиби созишнома, бандҳои асосии он бояд дар давоми 18 моҳи имзои созишнома пурра ба амал татбиқ меёфтанд, ки татбиқи хешро ёфтанд. Тибқи созишномаи мазкур, 30 дар сади мансабҳои давлатӣ ба Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин вогузор шуданд. ТТЭ ҲНИ ба ҳайси як ҳизби сиёсии кишвар ба фаъолият шурӯъ карда давоми 15 соли ахир дар парлумони кишвар низ соҳиби ду курсии сиёсӣ буд. Вале ин ҳизб ба созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ хиёнат намуда, пас аз нокомӣ дар интихоботи парлумонии соли 2015 ба роҳи ғайриқонунӣ ва зӯрӣ ба даст овардани ҳокимияти сиёсиро тарроҳӣ намуда, моҳи сентябри соли 2015 бо дасти намояндаи собиқи худ, ки вазифаи муовини вазири дифоъро иҷро мекард, ба ватану миллат хиёнат кард ва сабаби фавти иддае аз шаҳрвандон гардид.

Қобили қайд аст, ки ТТЭ ҲНИ аз замони зуҳури хеш то имрӯз ҳеҷ гоҳ бо роҳи ором ва осоишта муборизаи сиёсиро дар миён нагузоштааст. Ё бо роҳи терроannaи ақидатӣ ё аз роҳи ҷангу хунрезӣ барои расидан ба ҳадафи хеш кӯшиш намудааст. Яке аз омилҳои асосии ҷанг дар солҳои 90-уми асри гузашта ҳамин навъ идеологияи ҷангӣ ва террористии ҲНИ буд. Пас аз тасвиби созишномаи сулҳ, ки дигар мебоист омилони ҷанг бахшида шаванд, ҷиноёти сангини ин ҳизб зери парда монданд. Пас аз истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ солҳои 1997-2015, дар давоми 18 сол ин ҳизб ба террори ақидатӣ машғул буд ва тавассути расонаҳо ҳамарӯза афкори хурофотӣ ва террористиро дар шакли пардапӯшонаи фалсафаи шаҳодат ва амсоли ин таблиғ менамуд. Бояд қайд кард, ки барои башиддат мазҳабишавии ҷомеа ва гароиши мутааддиди ҷавонон ба созмонҳои террористӣ аз “баракати ҳамин мавъизаҳо дар ҷомеаи фалсафаи ҷиҳоду шаҳодат”-и идеологҳои ТТЭ ҲНИ маншаъ мегирад.

Ин гуна таблиғот ҳамчунин боиси пайвастани нафарони зиёде ба гурӯҳҳои тундрав ва террористӣ гардид, ки дар ҷангҳои Сурияву Ироқ ва Афғонистон онҳо бесарнавишт гардида, дар хоки бегона ба хотири арзишҳои экстремистию террористӣ худро қурбон намудаанд. Тамоми ҷиноятҳои ҳизби мазкурро ба инобат гирифта, додгоҳи олии кишвар онро террористӣ эълон намуда, баъзе аз омилони ҷиноии ин ҳизб ба сазои аъмолашон расиданд ва расман фаъолияташро дар дохили кишвар манъ намуд. Иддае аз сарони ҷиноятпешаи ин ҳизб фирор карда, дар хориҷ аз кишвар паноҳ бурдаанд ва имрӯз низ кори асосиашон дурӯғгӯиву дурӯғпардозӣ ва дар маҷмӯъ ноором кардани вазъи кишвар аст. Инҳо воқеан хиёнатгарони созишномаи сулҳ ва ризоияти миллианд ва душманони ваҳдати миллӣ ва пешрафти Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Зеро бо пули бегонагон (хоҷагони хориҷиашон) корашон дурӯғу туҳмат ва ноором кардани вазъи кишвар аст.

**И. ШАРИФЗОДА,**
**мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

**Вожаҳои сулҳу ваҳдат ибораҳое мебошанд, ки ҳамрадифанд ва дар дилу дидаи инсон ҳамеша мустаҳкам ҷой гирифта, бо аҳли шево садо дода, бевосита шунидан, гӯш додани он дилхоро фараҳу шодӣ мебахшанд, ба фикр кардан водор месозанд. Сулҳ, яъне оштиву фарзонагӣ, якдигарфахмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардумро таҷассумгар аст. Ваҳдат бошад, ба ҳам омадан, аз як гиребон сар бурун овардан, ҳамдигарфахмиву поктинативу меҳандӯст будан аст.**

чизе намеояд. Модар суханашро давом медиҳад; "ҷонам ширинӣ кард, худамро ба об партофта фарзандамро начот дода натавонистам. Гиря мекунад. Аз пеши назарам фарзандамро об бурд...".

Бале, ин даҳшат аст. Ин ҷанг аст...

Дар хотири мо ва он мардуме, ки ҷанги шаҳрвандиро бо чашми худ дидааст, он лаҳзаҳо, соатҳо, рӯзҳо, моҳҳо, солҳо аз хотир намеравад...

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар таърихи халқи тоҷик нодиртарин падидаи сиёсиву сарнавиштсоз ин ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатӣ мебошанд. Бо дастгирӣ ва заҳматҳои зиёди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раҳнамоӣ карда, дар дилу дидаи мардум шуълаи умедро ба оянди дурахшон барафрӯзанд. Чунин шахсияти шуҷоу қавиирода барои миллати бостониву бофарҳанг маҳз дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зуҳур намуд. Ба сари қудрат омадани чунин шахсияти барҷаставу нотакрор бахти тоҷикон буд, зеро миллатро сарҷамъ намуд ва ба кишвар сулҳи воқеӣ овард. Аз ин лиҳоз, ифтихор аз шахсияти Пешвои миллат, аз хизматҳои беназири ин марди бузург —ифтихор аз миллату меҳан аст, чун маҳз ӯ бо рисолати таърихии худ, давлатдории тоҷиконро амалан начот дод.

Ҷавонони боақлу хирад бояд хуб дарк намоянд, ки оянда тақдири халқу давлати Тоҷикистони




вори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар

# НИҲОЛЕ, КИ МЕВАИ ШИРИН БА БОР ОВАРД

Ваҳдат беҳтарин неъмат дар ҳаёти ҳар як инсон, орзуву армон, таҳкими давлат, наҷоти миллат, рушди тоҷикон, нумӯи даврон, ҳастии инсон дар ҳар замину замон мебошад.

Бешубҳа, оромиву осоиштагӣ ва шукуҳу шаҳомати ҳар як халқу миллат аз сокинони меҳнатдӯсту фарҳангдӯсти он вобастагии зиёд дорад. Махсусан, насли ояндасози миллат, ки ҷавонони ояндасоз ҳастанд. На ин ки ҷавонон, балки кулли мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол набояд фаромӯш кунанд, ки ваҳдат, сулҳ дар тӯли таърихи гузашта, осон ба даст наомадааст. Аз хотири мардуми тоҷик он ҷанги шаҳрвандии бародаркуш ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад.

Ҳоло мехостам ду лаҳзаи он давраро ба хотир орам. Он солҳо (1993) дар телевизиони Тоҷикистон ба ҳайси муҳаррири барнома фаъолият доштам ва ба ҷои маош ба мо кормандон ҳар рӯз як донагӣ нон (хлеб) медоданд ва барои он соатҳо дар навбат меистодем. Фарқ надошт, ки дар оила чанд фарзанд аст, як дона нонро ҳақ доштиву халос. Ва дигар ин ки дар ҳамон рӯзҳо бо як нафар рӯзноманигор ҳамсуҳбат шудам. Ӯ нақл кард, вақте ки мардуми вилояти Хатлон гуреза шуда ба тарафи сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба воситаи дарёи Панҷ мегузаштанд, танҳо калонсолону занону кӯдакон буданд. Лаҳзае, ки чанд нафар бо қаиқ савор шуда, аз ин тараф ба тарафи дигар гузаштанӣ мешаванд, қабл аз он ки аз қаиқ поин шаванд он чаппа мешавад ва кӯдаки 10 соларо об мебарад. Аз ҳама мудҳиш лаҳзае мебошад, ки модар бо ду чашмаш мебинад, ки фарзандашро об бурда истодааст, лекин аз дасташ




муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози даврони тақдирсоз бо такя ба ақлу хирад ва иродаи қавии ин марди оқилу ҷасур оташи дохилии ҷанг фурӯ нишонда шуда, парчами адолату озодӣ ба хотири ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ваҳдату ягонагии халқи азизамон устувор гардид.

Дар симои Пешвои миллат, таърих бори дигар собит сохт, ки наҷоти ҳар як давлату миллат дар лаҳзаҳои хассосу фоҷиабор бо зуҳури шахсияти бузурги миллӣ вобастагии зич дорад. Зеро маҳз шахсиятҳои сулҳпарвару ватандӯст қодиранд инсонҳоро дар ҳалли масъалаҳои печидаву мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ соҳибистиқлол бар дӯши онон гузошта мешавад. Аз ин рӯ, ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ пойдориву устувории давлати соҳибихтиёри худ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ кӯшишу талош намоянд. Барои устувор намудани пояҳои ваҳдати миллӣ ва бунёди давлати пуриқтидори демократӣ ва эҳёи дурахшонтарин арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгон масъулияти бузурге бар дӯш дошта бошанд.

Дар тӯли ин солҳо Тоҷикистони азиз дастовардҳои бузургтаринро соҳиб гашт. Баркарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдату пойдории миллӣ, таъмини рушди устувори миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардид.

Ваҳдат ва сулҳи умумибашарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдории кишварҳои ҳамзамони бурунмарзӣ, мавкеъ ва мақоми хосро дар микёси ҷаҳон овозадор менамояд. Имрӯз иттифоқ ва ҳамдилии халқи тоҷик бо мардуми ӯзбек ва дигар миллатҳо буда, мавриди омӯзиши Созмони Милали Муттаҳид ва бисёр ташкилотҳои олам гардидааст. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ гӯё пандест аз гузаштаи дурру пешрафти маънавиёти кишвар. Танҳо бо роҳи ваҳдат, якдигарфаҳмӣ ваҳдати кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардумро устувор карда метавонем ва рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт рӯ меорад. Ба гуфти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонда бошад, медонад, ки дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид, мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он расад».

Дар ҳақиқат ҳам, ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватану давлат аст, зеро дар кишваре, ки сулҳу амонӣ ва дӯстӣ ҳукмфармост, он давлат рӯз то рӯз рушду пешрафта гардида, иқтисодиёташ батадриҷ меафзояд.

**Г. ШАРИФОВА,**
**доктори илмҳои филологӣ**

# УЧИТЕЛЬ-КАК МНОГО СМЫСЛА В ЭТОМ СЛОВЕ!

**«Если учитель имеет только любовь к делу, он будет хороший учитель. Если учитель имеет любовь только к ученику, как отец, мать-он будет лучше того учителя, который прочёл все книги, но не имеет любви ни к делу, ни к ученикам. Если учитель соединяет в себе любовь к делу и к ученикам, онсовершенный учитель».**

**Л.Н.Толстой**

Учитель. Как много смысла в этом слове. Для каждого человека он имеет различную окраску.

Учитель помогает вступить во взрослую жизнь, учит любви и уважению, вечным ценностям, вкладывает нравственные понятия в души своих учеников. Талант учителя заключается в умении передать знания другому и в умение делать трудные вещи легкими. Учителем надо родиться. Он должен быть сам воспитан, чтобы воспитывать других. И как сказал великий французский философ М. Монтень: «Для того чтобы обучить другого, требуется больше ума, чем для того, чтобы научиться самому».

В современном мире существует огромное количество разнообразных профессий и все они важны для нормального существования в цивилизованном мире, но если не будет учителя, то и цивилизации придёт конец.

Быть учителем очень трудно и это очень тяжкий труд. Необходимо обладать очень многими качествами: добротой, терпением, умом и любовью к детям. Учитель занимает огромное место в жизни каждого из нас. Учитель-это человек, который открывает дверь в новый, неизвестный мир, в общественную жизнь, в общество, тот, кто по маленьким кирпичикам строит наше будущее и помогает нам познать тонкости человека.

Быть учителем очень сложно, но без учителя невозможно жить.

**Азиза ТУРАЕВА,**
**ассистент кафедры**
**иностранных языков**

# ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи ҳуҷҷатҳои аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имзогардида, дар бобати рушди ҳамкориҳои судманди соҳаи маориф бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои узви ИДМ, ЕвроАзЭС, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай як қатор корҳоро ба сомон расонида истодааст.

Фаъолияти байналмилалии донишгоҳ аз таҳияю ба тасвиб расонидани шартномаҳо бо муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ, табодули омӯзгорону донишҷӯён, адабиёти таълимию методӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ, ташкилу баргузор намудани конференсияву семинарҳои муштарак, сохмон додани воҳӯрию мизҳои мудаввар бо намояндагони донишгоҳҳои хориҷӣ ва ташкилоту муассисаҳои байналмилалӣ ва курсҳои омӯзишӣ, аз ҷумла забонҳои хориҷӣ ва курсҳои тахассусӣ дар доираи амалисозии лоиҳаҳои грантӣ, таъмини раводиди омӯзгорону донишҷӯёни хориҷӣ ва робита бо донишҷӯёни хориҷие, ки дар Донишгоҳи технологиии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, иборат аст.

Табодули донишҷӯён ва омӯзгорон яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти байналмилалии донишгоҳ ба шумор рафта, ба бакалаврҳо, магистрҳо ва аспирантон имконият ба вуҷуд меоварад, ки дар хориҷа бо роҳи иштирок намудан дар барномаҳои кӯтоҳмуддати таҳсилотӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ таҳсилро идома диҳанд ва ё таҷрибаи илмӣ ба даст оваранд.

Ҳадафи амалӣ намудани барномаҳои табодули донишҷӯён ва омӯзгорон дар донишгоҳ баланд бардоштани сифати таълим, беҳтар намудани ҳамдигарфаҳмӣ байни миллату фарҳангҳои гуногун, тарбияи насли ҷавону оиндасози ба ҳаёт ва кору фаъолият дар ҷомеаи байналмилалии муосир омодабуда, мебошад.

Табодули донишҷӯён ва омӯзгорон дар мувофиқа бо созишномаҳои байни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва донишгоҳҳои шарики барномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла барномаи табодули академии Erasmus+ KA107, лоиҳаи «Маълумоти касбӣ ва такмили ихтисос дар Осиёи Марказӣ»-и Созмони ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ) ва инчунин бурсияҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки донишгоҳ дар соли 2021 стипендияи барномаи Иттиҳоди Аврупо Erasmus+ KA107 Valladolid-ро барои донишҷӯёни донишгоҳ эълон намуда буд. Аз он ҷумла дар зинаи бакалавриат 8 нафар, дар зинаи магистратура 2 нафар ва дар зинаи докторантура (PhD) 2 нафар ба тариқи онлайн дар озмун иштирок намуданд.

Боиси ифтихор аст, ки 3 нафар аз донишгоҳ, дар озмуни мазкур барои таҳсил ва тадқиқот дар Донишгоҳи Валядолиди Шоҳигарии Испания дар доираи барномаи табодули Эразмус+ KA107 ба муҳлати 5 моҳ пирӯзӣ ба даст оварданд.

Бояд гуфт, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мақсади ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар ҷиҳати таҳияи барномаи шарикӣ дар самти табодули донишҷӯён ва як



қатор эълонҳо оид ба бурсияҳои таҳсилӣ, озмунҳо ва баргузории конфронсҳои байналмилалиро ба маълумоти донишҷӯён ва кормандони донишгоҳ расонидааст.

Донишгоҳ дар соли таҳсили 2021 бо 19 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ шартнома ва созишномаҳои тарафайнро ба имзо расонидааст.

Мақсади асосии ин созишнома ва шартномаҳо аз тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир, такмили ихтисос ва маҳорати касбӣ, тайёр намудани кормандони илмӣ дар асоси аспирантура ва докторантура, мубодилаи афкор оиди адабиёти таълимӣ иборат мебошанд.

Тавре огаҳӣ дорем, аз 30-юми март то 1-уми апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шохтемур аввалин намоишгоҳ-ярмаркаи "Study in Ukraine" дар Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он наздики 90 нафар намояндаи Вазорати маориф ва илми Украина ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии он бо роҳбарии вазири маориф ва илм Шкарлет Сергей Михайлович ширкат намуданд.

Рӯзи 31-уми марти соли.2021 дар доираи Намоишгоҳ-ярмаркаи «Таҳсилот дар Украина» як зумра роҳбарон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Украина ба ДТТ ташриф оварда, бо ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур, ҳайати раёсат ва дигар шахсони масъул воҳӯрӣ доир намуда, раванди ҳамкориҳои муштаракро баррасӣ карданд.

Дар мулоқот ҷонибҳо дар самти хуб ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба табодули афкор намуда, миёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Украина, аз ҷумла Донишгоҳи миллии технология ва дизайни Киев, Донишгоҳи миллии политехникии Чернигова, Донишгоҳи миллии технологии Черкаск, Донишгоҳи давлатии химикӣ-технологии Украина, Донишгоҳи миллии авиатсионии Украина, Донишгоҳи миллии политехникии Полтавск ба номи Юрий Кондратюк созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуданд.

Дар доираи ташкили ярмаркаи таҳсилоти олии Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзҳои 22-юм ва 23-юми майи соли 2021 баргузор гардид, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо 6 муассисаи таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия: Донишгоҳи политехникии Москав, Донишгоҳи давлатии техникии Кузбасс, Донишгоҳи давлатии техникии Омск, Донишгоҳи давлатии миллӣ-тадқиқотии Томск, Донишгоҳи давлатии техникии Алтай ба номи И.И. Ползунова, Донишгоҳи давлатии техникии Уляновск, Донишгоҳи давлатии ҷанубии политехникии Россия ба номи М.И. Платова созишномаҳои ҳамкорӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ ба имзо расонида шуд.

Дар соли 2021 донишгоҳ дар амалӣ гардонидани 8 лоиҳаи Барномаи ЭРАЗМУС+ Иттиҳоди Аврупо, лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ, лоиҳаи «Маълумоти касбӣ ва такмили ихтисос дар Осиёи Марказӣ»-и Созмони ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ), лоиҳаҳои Ташкилоти Кореягии WTIT «Интиқоли технологияҳои коммуникатсионии глобалӣ», Маркази байналмилалии тиҷоратӣ (ITC), фаъолона иштирок намудааст, ки амалишавии бештари онҳо дар солҳои оянда низ идома доранд. Бояд иброз намуд, ки дар татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои зикргардида, олимону кормандони донишгоҳ фаъолона иштирок намуда, вобаста ба бахшҳои амалишавӣ дар раванди таҳсил, тайёрии касбии мутахассисон, такмили маҳорати касбӣ ва тадқиқотҳои илмии омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ, таъсиси озмоишгоҳҳои таълимӣ ва илмӣ таъсири мусбӣ расонидааст.

Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ зери унвони "Таҳсилоти духтарон ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат" дар донишгоҳ идома дорад.

Мақсади асосии лоиҳа беҳтар намудани раванди ҷалб ва қабули духтарон ба ДТТ, фароҳам овардани шароити мусоид барои мутобиқсозӣ ва зиндагӣ дар хобгоҳ, беҳтар намудани сифати таълими духтарон ва шуғли ояндаи онҳо дар бозори меҳнат мебошад. Дар ин замина барои духтарони донишҷӯйи донишгоҳ якчанд семинар-тренингҳои касбӣ, аз ҷумла, курсҳои қадбонугӣ, дӯзандагӣ, кор бо компютер, омӯзиши забонҳои хориҷӣ (англисӣ, хитойӣ, русӣ) ташкил карда шуд, барои беҳтар намудани зисту зиндагонии донишҷӯён дар хобгоҳ як қатор таҷҳизотҳои зарурии ошхона харидорӣ гардид. Аз ҳисоби маблағҳои лоиҳаи мазкур Маркази таълимӣ-тренингии "Технолог" барои донишҷӯйдухтарони хобгоҳ бо таҷҳизотҳои техникии ҳозиразамон муҷаҳҳаз дар соли 2021 таъсис дода шуд. Маврид ба қайд аст, ки дар нимсолаи ҳисоботӣ аз моҳи январи соли 2021 дар доираи амалӣ намудани қисматҳои лоиҳа як қатор чорабиниҳо гузаронида шуд. Аз ҷумла, рӯзи 6-уми феврал дар доираи лоиҳаи «Таҳсили духтарон ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат» мизи мудаввар бо иштироки як қатор корфармоён ва донишҷӯдухтарон баргузор карда шуд. Дар мизи мудаввар намояндагони корхонаҳои "Гулистон", "Шири Душанбе", "Ваҳдат текстайл", "Сиёма", Кока-Кола, ITC ва ғайра ширкат варзиданд.

Лоиҳаи ИА Эрасмус+ MIETC – Таҳияи барномаи магистрӣ оид ба идоракунии соҳибкории саноатӣ барои кишварҳои дар давраи гузариш.

Мақсади лоиҳа тақвият додани тавонмандии илмии мактабҳои олӣ дар соҳибкории саноатӣ дар Осиёи Марказӣ тавассути таҳия ва амалигардонии барномаи магистрии байнисоҳавӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои устувор байни донишгоҳҳои ҳамшарик ва бозори меҳнат мебошад.

Дар натиҷаи амалигардонии лоиҳа дар донишгоҳ ихтисоси нав барои магистратура дар самти соҳибкорӣ ва маркази рушди соҳибкории муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир таъсис дода мешавад.

Моҳи феврали соли 2021 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар доираи барномаи HiEdTec курси омӯзиши Технологияи иттилоотӣ (IT), байни омӯзгорони донишгоҳ гузаронида шуд, ки дар он 55 нафар омӯзгор иштирок намуда, соҳиби сертификат гаштанд.

Чунончи, аз 5-ум то 7-уми майи соли 2021 дар доираи барномаи GIZ «Маълумоти касбӣ ва такмили ихтисос дар Осиёи Марказӣ» семинар дар мавзӯи «Коркард ва татбиқи системаи менеҷменти сифат ва бехатарии маводи хӯрока» гузаронида шуд, ки дар он омӯзгорони донишгоҳ фаъолона иштирок намуда оид ба татбиқи стандарти "Сифат ва бехатарии маҳсулоти озуқа" бархӯрдор шуданд.

Дар натиҷаи ҳамкорӣ бо Ташкилоти Кореягии WTIT (Интиқоли ҷаҳонии технологияҳои иттилоотӣ) соли ҷорӣ донишгоҳ доираи фаъолияти худро васеъ гардонида, як синфхонаи компютерии замонавӣ бо теъдоди 25 адад ноутбукҳои нав, як синфхона барои тарҳрезии лоиҳаҳои самти ТИК ва озмоишгоҳи махсус оид ба робототсозӣ таъсис дод.



Ба ғайр аз ин, ташкилоти мазкур дар ҳамкорӣ бо шарикони кореягии худ, махсусан ташкилоти кореягии GoodNeighbors (Ҳамсояҳои хуб) лоиҳаи нави "Таълимоти барвақтии барномасозӣ барои навраcон"-ро роҳандозӣ намуданд, ки бо иҷозати расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 6 мактаби таҳсилоти умумӣ ва литсейҳо курсҳои пилотӣ дар заминаи барномаи SCRATCH гузаронида шуда истодааст.

Тайи рӯзҳои 21-22 майи соли 2021 бо ташаббус ва иқдоми Маркази технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии Тоҷикистону Кореяи назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон семинари онлайнӣ барои доничҷӯёну омӯзгорони донишгоҳ дар мавзӯи "COVID-19 ва нақши IT технологияҳо" бо ҷалби мутахассисони варзидаи соҳаи ТИК аз Ҷумҳурии Корея ва Водии Силиконии ИМА баргузор шуда, кори худро бомуваффақият ба анҷом расонид.

Дар кори семинар донишҷӯёну омӯзгорони факултетҳои соҳавии самти ТИК ва мутахассисони маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимии донишгоҳ фаъолона ширкат намуданд. Зимни баргузории семинар олимону муҳаққиқон аз тадқиқотҳои навини худ оид ба бартарафсозӣ ва роҳҳои кам кардани зарарҳои пандемияи ҳамагир ба ҳозирин маърӯза намуданд. Аз саволу ҷавобҳои иштирокчиён маълум гардид, ки маърӯзаҳо ҷолиб ва ба масъалаҳои хеле актуалии соҳавӣ ва мушкилоти глобалӣ бахшида шудаанд.

Дар ҳамкорӣ бо дафтари Маркази байналмилалии тиҷорат (ITC) дар факултети технология ва дизайн Маркази таълимӣ оид ба соҳаи дӯзандагӣ бо таҷҳизоти замонавии соҳаи нассоҷӣ муҷаҳҳазгардида таъсис дода шуд. Таъсиси маркази мазкур имконият фароҳам овард, ки донишҷӯёни ихтисосҳои соҳаи саноати сабуки донишгоҳ дар таҷҳизотҳои ин озмоишгоҳ корҳои таррҳорӣ ва дӯзандагиро дар сатҳи баланд анҷом диҳанд.

Бояд гуфт, ки тибқи шартномаи ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи корхонаҳои соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ин Марказ гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои соҳаи саноати сабуки ҷумҳурӣ дар самтҳои бофандагӣ, дӯзандагӣ, нассоҷӣ низ ба роҳ монда мешавад, ки дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳадафи чоруми стратегии рушди кишвар эълон намудани саноатикунонии иқтисодиёти кишвар саҳми назаррас мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ бо созмонҳо, ширкатҳо ва намояндагиҳои кишварҳои хориҷии муқими Тоҷикистон, ки дар соҳаи маориф фаъолият менамоянд, бо иҷозат ва ҳамоҳангсозӣ бо вазоратҳои даҳлдор низ рӯ ба густариш овардааст.

Лозим ва ёдоварист, ки дар Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми майи соли 2021 ба муносибати 20-солагии таъсисёбии Созмони Ҳамкории Шанхай, аз ҷониби Маркази дӯстӣ ва ҳамкории созмони зикршуда дар шаҳри Душанбе конференсияи фарҳангию гуманитарӣ таҳти унвони "Модели VII Созмони Ҳамкории Шанхай" баргузор гардид, ки дар он аз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон н.и.и., мудири кафедраи иқтисодиёти байналмилалӣ М. Азимова ва донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-250100301 – идоракунии фаъолияти иқтисодии берунӣ Раҳматуллозода Ором иштирок намуданд.

Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон айни ҳол 109 нафар донишҷӯи хориҷӣ таҳсил менамоянд, ки намояндагони ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошанд.

Умед аст, ки робитаҳои байналмилалии донишгоҳ минбаъд низ густариш ёфта, дар ин самт комёбию дастовардҳо бештар мегарданд.

**Шуъбаи равобити хориҷӣ**

# НИГОҲИ УСТОД АЙНӢ БА ИЛМУ ТАЪЛИМИ ХОНАНДАГОНИ МАКТАБ



Устод Садриддин Айнӣ дар хассостарин давраи таърихи халқи тоҷик умр ба сар бурда, ба халқу Ватани хеш хизмати бедареғ намуд ва аз худ мероси гаронбаҳои илмию адабӣ боқӣ гузошт. Эҷодиёти шоир хеле бой буда, жанрҳои гуногуни адабиётро дар бар мегирад. Устод Садриддин Айнӣ фарҳанг, илму дониш ва адабро аз тамоми дорой, молу сарват болотар ҳисоб мекунад. Барои ҳамин ӯ одамонро даъват мекунад, ки илму дониш ва адаб омӯзанд, то ки дар оянда баркамол ва бомаърифат шаванд.

Одамони ҳамаи касбу ҳунар устод, омӯзгор ва муаллим доранд, зеро бе муаллим, роҳнамо ва омӯзгор инсон чӣ кор кардану ба куҷо рафтанашро намедонад. Олимҳои бузург ва доҳиёни олам низ пеш аз он ки академик шаванд, олим шаванд ва доҳӣ гарданд, шогирд будаанд ва аз устоде таълим мегирифтаанд. Бе устод ва бе муаллим ҳеҷ кас худ аз худ мулло, доно ва ҳунарманд нашудааст. Барои ин баъд аз чанд ҳикоят устод Садриддин Айнӣ дар китоби "Таҳзибуссибён" ҳикояти "Устоз Муаллим"-ро оварда чунин қайд мекунад: "Устози мо ҳамеша аз барои мулло ва доно ва боақл шудани мо бисёр таваҷҷуҳ доранд. Дар таълиму тарбияти мо ҳама вақт осоиш ва роҳаташонро сарф мекунанд"

Нависанда, хусусан дар ду шеъри охиринаш дар дами саҳаргоҳон ва айёми баҳору бомдодӣ дар наво будани булбулро зарифона ва некбинона тасвир намуда, одамонро ба илму дониш ва ба меҳнат даъват менамояд. Чунончи:

**Саҳаргоҳон, ки булбул дар наво шуд,**
**Гул аз шодӣ шукуфту ғунча во шуд,**
**Шумо, эй булбулони боғи мактаб,**
**Саҳаргоҳон набояд хуфт ҳар шаб.**
**Шумо ҳам дар наво оед бояд,**
**Ки то аз боғи маънӣ гул кушояд**
**Саҳаргоҳон гулистони дабистон**
**Тароватбахш бошад чун гулистон**

Дар назму насри устод Садриддин Айнӣ тарғиби илму дониш, хирад ва нақши маърифат дар ташаккули инсон мақоми арзанда дорад. Устод дар шеъри зерин он шахсонеро, ки аз доираи маърифату донишу мактаб дур буда, дар мактаб таҳсил намекунанду шавқи хондан надоранду вақти худро ба бекору беҳудагардӣ мегузаронанд, ба хондану илму маърифат даъват мекунад:

**Чаро дар кунҷи бекорӣ нишинед?..**
**Биёед, эй шарикон, дарс хонем,**
**Ба бекорию нодонӣ намонем.**
**Ба олам ҳар касе бекор гардад...**
**Ба чашми аҳли олам хор гардад...**

Тавре адабиётшиносон Худойназар Асозода ва Аламхон Кӯчаров қайд намудаанд, «Устод Садриддин Айнӣ барои толибилмони мактаби нав се китоби дарсӣ - «Тартилулқуръон» (1909), "Заруриёти диния" (1914) ва «Таҳзибуссибиён» (1910-1917) навишт, ки ҳар кадом аз нигоҳи илмиву усулӣ, забону тарзи нигориш ва фарогирии маводи таълимиву тарбиявӣ ҷолибанд.

**Эй монда қадам ба роҳи мактаб,**
**Олист мақому ҷоҳи мактаб.**
**Мактаб сабаби ҳаёт бошад.**
**Мактаб сабаби наҷот бошад.**
**Мактаб ба ту ақлу хуш бахшад.**
**Мактаб ба ту шаҳду нӯш бахшад.**

Хулоса, андешаҳои тарбиявию ахлоқии устод Садриддин Айнӣ на фақат дар назария, балки дар амалияи педагогикаи мо низ таъсири зиёд доштааст. Аз афкори ӯ садҳо одамон дарси адабу ахлоқ, меҳнатдӯстӣ, одамият, накӯкорӣ, ватанпарварӣ, худшиносӣ ва ғайра гирифтаанд. Осори ӯ дар ташаккули шахсияти наслҳои мухталиф нақши бориз бозидаанд. Аз гуфтори ӯ одамон дарси зиндагиву созандагӣ омӯхтаанд.

**А. МАЖНУНОВ,**
**дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ**

# ТО ПИР НАГАРДЕМ, НАДОНЕМ ҶАВОНӢ

Тамоми махлуқоти олам аз рӯзи пайдошавӣ то падруди дунёи фонӣ чанд давраро аз сар мегузаронанд, ки ин калимаро бо ибораи дигар сикли фаъолияти ҳаёт, бахусус, ҳастӣ низ меноманд.

Фаъолияти ҳаёти инсон давраҳои зерин: ҷанин, кӯдакӣ, ҷавонӣ, миёнсолӣ ва пириро дар бар мегирад. Давраи ҷанин-аз нуҳмоҳагӣ, кӯдакӣ-аз лаҳзаи таваллуд то ҳафтсолагӣ, ҷавонӣ-аз ҳаштсолагӣ то чилсолагӣ, миёнсолӣ-аз чилуяксолагӣ то шастсолагӣ ва пирӣ-аз шастсолагӣ то ҳаштодсолагӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Доир ба давраҳои фаъолияти ҳаёти инсон ҷопонҳо шиорҳои зерин доранд: одамон аз таваллуд то ҳаштсолагӣ мӯъҷизаанд, аз ҳаштсолагӣ то ба чилсолагӣ ҷавонанд ва аз чилсолагӣ то дами марг инсонанд.

Давраи ҷавонӣ, давраи фаъолияти пурсамар ва муваффақиятҳо ба шумор меравад. Ин давра, давраи ҷӯшу хурӯш аст ва хуни инсон дар ин давра нисбат ба дигар давраҳо чанд баробар зиёд ҳаракат дорад. Ҳаракати зиёди хун дар тан боиси бардамии бадан мебошад. Чун ба пирӣ мерасад, инсон ин нерӯро аз даст медиҳад. Гарчанде, ки нияти фаъолият карданро дошта бошад ҳам, нерӯи давраи ҷавонӣ дар ӯ нест. Аммо, зиёданд аксарият инсонҳое, ки дар давраи пирӣ ҳам бо амри тақдир ва ихлоси мустаҳкам дар фаъолияте муваффақиятро ба даст меоваранд. Оид ба ин мавзӯъ Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ фармудааст:

**Чу гул дар субҳи пирӣ**
**мекашӣ хамёзаи ғафлат,**
**Макун, эй ғунча сарфи хоб**
**шабҳои ҷавониро.**

Воқеан, ҷавонӣ баҳори умри инсон буда, домони покаш файзу баракати фаровон дорад. Саъю кӯшиши давраи ҷавонӣ мисли дарахти навбар аст, ки меваи бенуқсу ширин медиҳад.

Мо бояд ин даврони расидан ба қуллаи мақсудро самаранок истифода барему ҳар рӯзу шаби онро дар мактабу китобхонаҳо, сарфи мутолиаи китоб ва аз бар кардани илму дониш ва касбу ҳунарҳои гуногун намоем.

Мо — ҷавонон бояд ба панду андарзи бузургони гузаштаву имрӯзи миллатамон гӯш дода, аз мероси арзишманди онҳо, ки хазинаи гаронбаҳои панду ҳикмат барои наслҳои ҳар давру замон аст, дар кору рӯзгори худ истифода барем. Барои расидан ба ин ҳама ҳадаф ва орзую ниятҳои нек Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ғамхору раҳнамои мо ҷавонон ҳастанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо дар паёмҳои худ таъкид ба ин нукта мекунанд. Суханҳои оқилонаю хирадмандона, таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои пайвастаи ӯ «Ҷавонон сипари боэътимоди давлатдории миллатанд», «Мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем», «Ҷавонон қувваи тавоною пешбарандаи ҷомеа мебошанд. Дар кишварҳои олам ба ин қишри аҳолӣ бештар таваҷҷуҳу такя мекунанд ва дар ин самт Тоҷикистон низ пешсаф аст», моро водор месозад, то ҷавонони бонангу номус, бомаърифату созанда ва ба боварии халқу давлатамон лоиқу сазовор бошем.

Дар қисмати хулоса иқтибос аз суханҳои пайғамбари Худо Исо алайҳи салом ҳаминро қайд карданиям, ки «Ҳоло, ки хоб ҳастем вақт меравад, ҳоло, ки хӯрок меҳӯрем вақт маравад, ҳоло, ки рафта истодаем вақт меравад, ҳоло, ки фикр мекунем чӣ тавр пул кор кунем, вақт рафта истодааст, ҳоло, ки ту аз бозомӯзӣ фикр дорӣ, кунам ё накунам, фаъолият бароям бобарор бошад ё бебарор, аллакай кадоме монанди ту дар куҷое ба ин мақсад муваффақ шудааст бо адои ин кор. Ин Вақт аст рафта истодааст: сол ба моҳ, моҳ ба рӯз, рӯз ба соат, соат ба дақиқа, дақиқа ба сония. Ин маънои онро дорад, ки вақти умри мову Шумо кам шуда истодааст ва онро баргардонда намешавад. Асъори асоси зиндагонии мо ин вақт аст».

Пас, хонандаи азиз, биёед ба қадри вақти хеш бирасем.

Ба ин маънӣ хирадманде фармудааст:

**Вақтро ғанимат дон, он**
**қадар ки битвонӣ,**
**Ҳосил зи ҳаёт, эй ҷон,**
**як дам аст, то донӣ.**



**Хукмуддин САМАДОВ,**
**унвонҷӯи кафедраи**
**технологияи маснуоти**
**нассоҷии ДДТ**



# АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОӢ КИТОБ АСТ...

**Китоб калиди дониш ва воситаи асосии саводнокӣ аст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ҳаётро бе илму дониш, ки аз китоб сарчашма мегирад тасаввур кардан ғайри имкон аст. Китоб барои мо дӯсти бовафо, маслиҳатгари беминнат, ҳамдаму ҳамсуҳбати мувофиқ ва сарвати бебаҳо мебошад.

**Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,**
**Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.**
**Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,**
**Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.**

Китоб шамъи дили инсон дар зиндагист, ки аз нури он метавон неку бад ва нафъу зарарро шинохт. Машҳуртарин мураббии мураббиёни олам, маъхази бузурги илм ин китоб аст.

**Беҳтарин ёри вафодор китоб аст, китоб,**
**Ёри безаҳмату озор китоб аст, китоб.**

Барои омӯхтани илму дониш аз ин ганҷинаи бебаҳо ва дурри гарон — китоб истифода кардан хеле бомаврид аст, зеро китоб шахсро дар олами ҳастӣ роҳи дурустро нишон медиҳад. Бузурге таъкид кардааст: "Мутолиаи китоб роз аст, онро ҳамеша амалӣ кардан асоа ҳаст. Агар ту як умр ба ҳамин кор машғул шавӣ, магу, ки хато кардам, зеро ки ман як ҳаёт ба ҳамин кор машғул шудаам, бо сабабе, ки меҳоҳам инсон бошам."

Китоб шахсро ба роҳи росту хиради воло роҳнамун месозад. Аз ин рӯ, бояд мо ҳамагон ба қадри китоб бирасем ва бештар китоб хонем, то дар зиндагӣ душворие садди роҳамон нагардад ва тавонем дар ҷамъият мавқеи хешро пайдо кунем.

**Ф. ФАҚЕРОВА,**
**ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ**

# БАДХОҲИ КАСОН ҲЕҶ БА МАҚСАД НАРАСАД



Ҳама чиз ибтидою интиҳо ва доираи муайяни худро дорад. Моҳу хуршед, олами набототу ҳайвонот ва инсонҳо низ рӯзе ба интиҳо мерасанд. Як рӯз не, як рӯз тамоми чароғҳои афрӯхтаи дасти инсоният ва нурҳои чашми башар хомӯш мешаванд. Яъне, ҳар чизе, ки ба чашм дида мешавад, интиҳои худро дорад.

Ҳадаф аз овардани ин гуфтаҳо баён кардани сабру таҳаммули зиёд, хотирбинӣ ва дигар хислатҳои инсонии мардуми тоҷик аст, ки одамони ғайр борҳо аз он истифода бурдаанд ва бурда истодаанд.

Вақте касе бо кору аъмоли ношоиста шишаи сабри моро то охирин имкон пур мекунад, мо ҳам аз сабр ба дигар ҳолат мегузарем. Чунки он чи моро пойбанд мекард, аз байн рафт.

Мо мардуми сулҳдӯсти тоҷик солҳо таҳаммул пеша кардем чун дар табиати мо эҳсоси инсондӯстӣ ва лутфу марҳаматро фаровон кардаанд.

Вақте ҷавонзанеро бо тир мезананд, ин тире ҳаст ба қалби сабри мо, вақте ҷавоне, ки бо сад орзуву умедҳои ширин аз дасти ноҷавонмарде кушта мешавад, ин ханҷаре ҳаст, ки ба пушти сабри мо задаанд.

Вақте чаҳорпоёни бегуноҳ мавриди ҳамлаҳои ғайриинсонӣ гӯем ҳам хато намешавад, кароp мегирад, ин корд кашидан ба гулӯи сабру тамкини мо аст.

Мо чунин корҳоро ҳатто таҳаммул кардаем, чун мардуми босабр ҳастем.

Вале шағолхое ҳастанд, ки ин оромишро тарс шинохтанд ва ба рафторҳои худ идома доданд. Чун аз сиёҳӣ ҷуз сиёҳӣ дигар ҳеҷ чиз ҳосил намешавад.

Мо эҳтироми тамоми инсонҳои курраи заминро нигоҳ медорем. Онҳо ҳам инсонанд, мо аз онҳо агар беш набошем, ҳатман кам ҳам нестем.

Мо миллати таърихдору ободкор ҳастем, шаҳрҳои бозёфтшуда, китобҳои хатрӯшани мо баёнгар ва шиносномаи шавкату шукуҳи мо ҳастанд. Аммо, вақте аз "ҳуҷум"-и дард инсон ночор мешавад ва ба табибон муроҷиат мекунад табибон як муддат табобат мекунанд, агар бенатиҷа буд роҳи дигареро пеш мегиранд. То кадами ниҳоӣ тамоми шаклҳои табобатро, ки то ҳол муайяни конунҳои тиб ҳаст, месанҷанд. Чун аз ягон доруе умеде намонду ягон маҳсулот шифо набахшид, пас гуфтугӯ аз тарзи дигари табобат ба миён меояд. Ин тарзи дигар ҷарроҳӣ аст, то мушкил ба дигар роҳ халшаванда бошад пешниҳод карда намешавад. Аслан кори ақл ҳамин аст, ки мушкилотро муайян ва дарк мекунад ва бо таҳлили вазъияту маълумот роҳи ҳалли беҳтарро муаррифӣ менамояд.

Чун кор ба ҷое расад, ки дигар бо дармони гиёҳи доруворӣ кор ҳал намешавад ва бемор шифо намеёбад, ноҷор ҷарроҳӣ пеш меояд. Маълум аст, ки ҷарроҳӣ ду роҳ дорад, хатари марг, яъне комилан нобуд шудан ё сиҳат шудан. Он ҳам бо талафоти калон бо як андозае, ки камшудааш ҳеҷ гоҳ барқарор намешавад.

Аз ин далелҳо бармеояд, ки ҳеҷ инсон барои худ ва наздиконаш ҷарроҳӣ ё маргро орзу надорад.

Ҷанг ҳам ҳамин ҳукмро дорад, ки ба ҳар ҳол барои ҷанговару ҷангҷӯй ва касоне, ки воридаш гардидаанд, беталафот нест, фарқ намекунад ҷанг миёни ду нафар бошад ё миёни як оила ё ду қабила ё як кишвар ё ду давлат ё ҳатто ҳамаи кишварҳои ҷаҳон паёмадҳои мушкил хоҳад дошт. Инҳоро метавон чанд қисм кард, ки аввалин ва душвортарини онҳо камбудии ғизоӣ аст.

Ва пошхӯрии низоми иқтисодӣ чун дар шароити ҷанг бисёр корҳое ҳаст, ки анҷом доданашон номумкин мешавад.

Касоне, ки ҷанг орзу доранду ҷанг мехоҳанд, бояд бидонанд, ки ҷанг ҳамеша шамшери дутарафа будааст, ки агарчи дасти душманро бисёртар бурад, ба дасти зананда ҳам осеб мерасонад.

**Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ**
**бояд кард,**
**Дареғ суд надорад чу рафт кор**
**аз даст.**
**Ба рӯзгори саломат силоҳи**
**ҷанг бисоз,**
**Вагарна сел чу бигрифт сад**
**нашояд баст.**
**Саъдии Шерозӣ**

Пеши роҳи оташсӯзиро қабл аз вуқӯъ гирифтан ҳазорҳо маротиба осонтар аз сӯхторро хомӯш кардан аст, ба ҳамин хотир бояд аз даргиронданн оташ худдорӣ кард.

Вақте як суд нисбати як инсоне, ки ҳоло пурра гуноҳаш ошкору дуруст таҳқиқу тасдиқ нашудааст, агар ҳукми қатл татбиқ намояд ва пас аз чанд муддат гунаҳгори асосӣ муайян шавад, оё метавонад ҳукмбарор дубора сари буридаи як нафарро барқарор кунад?

Албатта, ҳаргиз не! Шароити ҷанг ҳам чунин ҳолатро дорад. Аммо теъдоди ба ноҳаққуштагон зиёд хоҳад буд.

Мо тоҷикон ин гуфтаҳоро хуб медонему дарк мекунем ва то имрӯз рафтору амалкардҳоямон аз доираи сулҳпарварӣ берун нарафтааст.

Аммо мо ҳам хашму ғазабу номусу ғайрат дорем. Дар ҳолатҳои даркорӣ комилан рӯшан шуд ва дар оянда мешавад.

Мо ҳамеша ба дӯсту душман таъкид мекунем: «Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад».

**Ситора АБДУМУМИНЗОДА,**
**номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректори ДТТ оид ба тарбия.**

# ФАТҲИ ҚУЛЛАҲОИ ДОНИШ

Бист сол қабл, яъне соли 2001 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон гимназияи "Душанбе" таъсис ёфт, ки сарварии онро Начимова Ҳалимахон Бахриддиновна ба уҳда доштанд. Ҳамагон бархӯрдор аз онем, ки мактаб ҷойи таълиму тарбия, макони илму маърифат ба шумор рафта, омӯзгорон ҳамчун роҳбалад насли наврасро дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намуда, бахри дар оянда хамчун шахсиятҳои барӯманд дар ҷамъият мақому мартабаи хешро пайдо кардан ба онҳо кӯмаку ёрӣ мерасонанд. Оё метавон бе меҳнату заҳмат натиҷае ба даст овард? Ҳаргиз не. "То меҳнат накунӣ, санги сиях лаъл нагардад" гуфтаанд дар урфият. Айни замон зери сарварии директори литсей Одинаева Одинамо Зубайдовна ва омӯзгорон фаъолияти кории ин даргоҳ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Омӯзгорон дарсҳои хешро бо роҳу усулҳои фаъоли нави таълим ба роҳ монда, доимо дар талоши онанд, ки аз тамоми бурду бохти соҳаи маориф пайваста огаҳ бошанд. Аз ҷониби директори литсей дастовардҳои шогирдон ва омӯзгорон ҳамеша қадрдонӣ карда мешаванд. Дар тамоми самтҳо муаллима пайваста кӯшиш мекунанд, ки ҳам шогирдон ва ҳам омӯзгоронро дастгирӣ намоянд. Маҳз чунин фаъолияти кории муаллима боис гардидааст, ки литсейи инноватсионии "Душанбе" яке аз литсейҳои беҳтарин шинохта шуда, сол то сол комёбию дастовардҳояш бештар гардида истодаанд. Дар соли таҳсили 2021 литсей сазовори 2 Сипоснома аз тарафи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва комиссияи тадорукот оид ба баргузории олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни математика гардид.

Яке аз дастовардҳои беназири имсола ин натиҷаи олимпиадаи ҷумҳуриявӣ ба шумор меравад. Зери сарварии бевоситаи муовини аввали директор оид ба корҳои таълим ва тарбия Аҷиҷимил Гулнора Ҷамиловна дар соли хониши 2020-2021 9 нафар шогирдон дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойҳои намоён гардиданд. Инҳо - Бахтиёри Хайриддин, хонандаи синфи 7 "е" аз фанни биология, ҷойи 2 — юм, Валиева Лайлӣ, хонандаи синфи 7 "в" аз фанни география, ҷойи 1 — ум, Назарова М., хонандаи синфи 7 "а" аз фанни география, ҷойи 1— ум, Сафарзода Фарохим, хонандаи синфи 6 «а» аз фанни география, ҷойи 3— ум, Абдуғаффорзода Зиёратшоҳ, хонандаи синфи 11 "а" аз фанни алгебра, ҷойи 3 — юм, Ёров Нуршед, хонандаи синфи 11 "б" аз фанни ҳуқуқи инсон, ҷойи 3 — юм, Алимова Самира, хонандаи синфи 7 "г" аз фанни забони русӣ, ҷойи 3 — юм, Авғонова О, хонандаи синфи 10 "г" аз фанни забони давлатӣ, ҷойи 3 — юм, Зикирова Н, хонандаи синфи 9 "г" аз фанни забони давлатӣ, ҷойи 2 — юм мебошанд.

Ғолибони олимпиадаи ҷумҳуриявӣ дар ҷорабинии тантанавӣ, ки рӯзи 5 — уми июни соли ҷорӣ баргузор гардид, бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Ҳамасола шогирдони мо дар олимпиадаи байналмилалии "Кенгуру" аз фанни математика фаъолона иштирок мекунанд. Соли ҷорӣ низ натиҷаҳо бад набуданд, 37 нафар хонанда иштирок намуда, сазовори 1 медали тилло, 18 медали нукра ва 18 медали биринҷӣ гардиданд. Ғолибон бо медалҳо ва ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд. .

Ҳамчунин соли ҷорӣ бо ташаббуси муовини директор оид ба корҳои инноватсионӣ Шарипова Р.С байни хонандагон озмуни Лоиҳаҳои илмӣ-эҷодӣ гузаронида шуд.



Дар озмун 40 нафар хонанда ширкат варзид, ки аз онҳо 30 нафарашон барои иштирок дар даври дуюм (шаҳрӣ) роҳхат гирифтанд. Ғолибон бо сертификатҳо сарфароз гардонида шуданд

Маълум аст, ки тарбия раванди мураккаб ва дорои ҷанбаҳои гуногун буда, асоси ташаккули ҳаматарафаи шахсият маҳсуб меёбад. Ба иборати дигар, маҳз тарбия инсони муккамал ва фаъолиятманди ҷомеаро меофарад. Барои ташаккули шахсияти комил намудҳои гуногуни тарбия корбаст шудаанд ва онҳо дар маҷмӯъ неруи тавонои инсонсозанд. Аз ин рӯ, дар литсей ба корҳои тарбиявӣ аҳамияти калон дода мешавад. Бо ташаббуси муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ Назарова М.Р дар давоми соли хониш як қатор озмунҳо гузаронида шуданд, ки мақсад аз баргузории онҳо баланд бардоштани сатҳи маънавии толибилмон аст. Соли ҷорӣ низ байни хонандагон озмуни "Литсейисти беҳтарин" гузаронида шуд, ки натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, шогирдон бо ифтихорномаҳо қадрдонӣ карда шуданд. Литсейисти беҳтарин байни синфҳои 1-4 Табарова Самира, хонандаи синфи 4 "г", литсейисти беҳтарин байни синфҳои 5-11 , Домуллоҷонова Сафина хонандаи синфи 10 "г", Зоири Ориё хонандаи синфи 4 "а" дар бахши "Шӯълаи умед", Холмуродзода Аниса хонандаи синфи 5 "а" дар бахши "Истеъдод ва маҳорат", Адашов Аъзамҷон хонандаи синфи 5 "б" дар бахши "Падидаи умед", Нуралиев Тавҳид хонандаи синфи 5 "е" дар бахши "Талант и мастерство", Саидов Абдулазиз хонандаи синфи 6 "а" дар бахши "Истеъдоди ҷавон", Назаров Шаҳром хонандаи синфи 6"в" дар бахши "Китобдӯст", Насруллоев Арастулло хонандаи синфи 6 "д" дар бахши "Юный талант", Назарова Маҳина хонандаи синфи 7 "а" дар бахши " Падидаи умед", Мирзоева Шакибо хонандаи синфи 8 "а" дар бахши "Забондон", Мирзошарифи Алихон хонандаи синфи 7 "б" дар бахши "Эҷодкор", Содикова Шоҳзодахон хонандаи синфи 9 "г" дар бахши "Творческая фантазия", Ғуломмуҳиддинов Ш., хонандаи синфи 10 "д" дар бахши "Юный программист".

Дар литсейи инноватсионии «Душанбе» тибқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкил ва баргузории озмуни ҷумҳуриявии "Илм — фурӯғи маърифат" бахшида ба сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши директори литсей барои дар сатҳи баланд гузаронидани озмун ва таъсис додани ҳайати комиссия бароварда шуда, нақша - ҷорабиниҳо таҳия ва тасдиқ карда шуданд.

Бо мақсади амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) ва ҷиҳати рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба технологияи муосир, ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагони донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин дарёфти истеъдодҳои нав ҳайати комиссия ҷамъбасти озмунро аз номинатсияҳои номбурда муайян кард, ки аз 29 нафар хонанда дар даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» 6 нафарашон сазовори ҷойҳои якум гардиданд: Анушервони Одил (с.9в) бахши физика, Абдуғаффорзода Зиёратшоҳ (с.11а) бахши математика, Сатторзода Нушофарин (с. 9а) бахши химия, Валиева Лайлӣ (с. 7в) бахши география, Бахтиёри Хайриддин (с. 7е) бахши биология, Ризоев Махмудҷон (с. 8 а) бахши ихтироъкор ва навъовар.

Дар анҷоми ҷорабинӣ роҳбарияти литсей ба омӯзгорону кормандон тансиҳатӣ ва дар корҳои илмию омӯзгориашон барору комёбӣ таманно намуданд.

**Г. АҶИҶИМИЛ,**
**муовини аввали директор оид ба корҳои таълимӣ,**
**Р. ХАЙЛОЕВА,**
**омӯзгори литсейи инноватсионии "Душанбе"**

# ШАҲРҲОЕ, КИ БО ШУМОРАИ ЗИЁДИ БИНОҲОИ ОСМОНБӮС МАШҲУРАНД

Сохтмони иншооти баландошёна дар олам 1-уми майи соли 1884 бо бунёди бинои ширкати суғуртавии “Home Insurance Building” дар шаҳри Чикагои ШМА оғоз ёфт. Ҳоло қариб дар тамоми шаҳрҳои калони олам садҳо биноҳои осмонбӯс қомат афрохтааст ва сол ба сол шумораи онҳо меафзояд.

Инак, чанд шаҳреро бароятон муаррифӣ менамоем, ки дар олам шумораи зиёди биноҳои осмонбӯс доранд.

## СИНГАПУР



Шаҳр дорои 81 бинои осмонбӯс мебошад, ки ҳар кадоми онҳо аз 150 метр баланд аст. Боиси тазаккур аст, ки аввалин чунин бино дар Сингапур соли 1973 эъмор ёфт, ки баландиаш 150 метрро ташкил медиҳад. Айни замон бинои баландтарини шаҳр “UOB Plaza One” (280 метр) ба ҳисоб меравад.

## ШЭНЧЖЕН

Шэнчжен дувумин шаҳри калонтарини Чин ба ҳисоб меравад. Он ҳамчун маркази бузурги



иқтисодӣ шинохта шуда, бо меъмории зебои худ машҳури олам аст. Дар он 83 бинои осмонбӯс, ки 150 метр баландӣ доранд, қомат афрохта, айни ҳол сохтмони боз 40 бинои дигар идома дорад.

Айни замон баландтарин иншооти шаҳр бинои “KK 100” (441 метр) мебошад. Аввалин бинои осмонбӯси Шэнчжен, ки баландиаш 165 метрро ташкил медиҳад, соли 1987 бунёд гардида буд.

**Таҳияи Комрон Зикрулло**

## ГУАНЧЖОУ

Гуанчжоу сеюмин шаҳри бузург ва ҳамчунин, он яке аз марказҳои асосии илмию техникӣ ва иқтисодии Чин мебошад.

Айни ҳол дар шаҳр 93 бинои осмонбӯс қомат афрохтааст. Биноҳои “Pinnacle”, “Манораи Пере – Puber” ва “Lea Ton Plaza” зиёда аз 300-метр баландӣ доранд.



Аксарияти биноҳои баланд ҳамчун марказҳои хизматрасонӣ ва хонаҳои истиқоматӣ истифода мешаванд. Бинои 439-метраи “Маркази байналмилалии иқтисодии Гуанчжоу” баландтарин дар шаҳр буда, бо номи “Манораи ғарбӣ машҳур аст.

**Таҳияи Бахтовар Каримзода**

## НЮ-ЙОРК

Ню-Йорк калонтарин шаҳри иқтисодӣ ва молиявӣ ба ҳисоб рафта, пойтахти тиҷоратии ИМА шинохта мешавад. Дар шаҳр 6000 бинои баландошёна қомат афрохтааст, ки 237-тои он осмонбӯсанд. Бинои “Маркази Ҷаҳонии тиҷорат 1”, ки баландтарин иншооти ШМА мебошад, дар ин ҷо бунёд шудааст. Он аз 104 ошёна иборат



буда, 416 метр баландӣ дорад.

Қариб ҳамаи биноҳои осмонраси Ню-Йорк дар ноҳияи Манҳэттен сохта шудаанд. Ҷазираи Манҳэттен қисмати сераҳолии шаҳр аст, аз ҳамин сабаб танҳо ба сӯи осмон метавонад васеъ шавад.

**Таҳияи Комрон Сафар**

## ТОКИО

Токио калонтарин шаҳр – пойтахти Ҷопон, ки аҳолиаш беш аз 13 миллионро ташкил медиҳад. Имрӯз дар ин мегаполис зиёда аз 2300 бинои баландошёна қомат афрохтааст, ки 114 тои он осмонбӯсанд. То соли 1963 аз сабаби зилзилаҳои мунтазам иншооти шаҳр аз 31 метр баланд набуданд.



Баландии биноҳо нишонаи рушди бесобиқаи санъати меъморӣ ва бехатарӣ дар сохтмон аст.

Аввалин бинои аз 31 метр баланд соли 1968 бунёд ёфт. Айни ҳол баландтарин иншооти шаҳр (256) “Toranomon Hills” мебошад.

**Таҳияи Комрон Сафар**

*ДАР МАЙДОНИ САБЗ*

# ЯК СУХАНИ ДАРДНОКИ РОНАЛДИНЙО

Роналдинйо Гаушои (Роналду ди Асис Морейра) бразилиягӣ, яке аз ситораҳои дурахшони футболи сайёра, чемпиони ҷаҳон (2002, Ҷумҳурии Корея/ Ҷопон), барандаи «Тӯби тиллоӣ» (2005) саргузашт ва лаҳзаи хаяҷонбахши худро дар майдони сабз чунин ба хотир овардаст: «Падарам ба ман ёд медод, ки чӣ тавр бо пойи луч тӯбро идора кунам, то пойҳоям обутоб ёбанд. Ман бошам, ба ӯ ваъда додам, ки бо ин ҳол тӯбро баробари дигарон дар ихтиёр мегирам. Аммо воқеият ин буд, ки падарам барои харидани кроссовка ба ман пул надошт. Вақте ки соҳиби «тӯби тиллоӣ» шудам, на аз шодӣ мегиристам, балки гиря мекардам, ки ман дигар падар надорам.

**Таҳияи ФАРОМАРЗ**






# 87 РӮЗ ТӮЛОНИТАРИН ДАВРАИ ТАВАЛЛУДИ ДУГОНИКҲО

Ин рекорд ба сокини Ирландия Мария Ҷонс – Эллита тааллуқ дорад. 1 – уми июни соли 2012 ӯ духтари нахустинашро, ки ҳамагӣ 500 грамм вазн дошт, ба дунё овард. Тифли дуюм бошад, дар батни модар монд ва, билохира, 27-уми августи ҳамон сол, баъд аз 3 моҳ, ба олам омад.

Фосилаи таваллуди дугоникҳо 87 рӯзро ташкил медиҳад, ки ин муҳлат дар таърих бесобиқа ба ҳисоб меравад.

**Таҳияи Мафтуна БАХТИБЕКОВА**




# ИШТИРОКИ ОМӮЗГОРОНУ ДОНИШҶӮЁН ДАР НИММАРАФОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СҲШ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

13 – уми июни соли равон бо ибтикори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи чорабиниҳои раисии Тоҷикистон дар Созмони Ҳамкории Шанхай ниммарафони байналмилалии СҲШ дар шаҳри Душанбе – 2021 баргузор гардид, ки дар он омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзиданд.

## ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

**озмуни қабул ба докторантураи PhD доктор аз рӯи ихтисосро барои соли таҳсили 2021-2022 аз рӯи ихтисосҳои зерин эълон менамояд:**

| № | Рамзи ихтисос | Иихтисос | Тибқи иҷозатномаи АУ № 0002786 аз 07.05.2019 | Нақшаи қабул (Ҳамагӣ) | Шуъбаи рӯзона | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Буҷетӣ | Шартномавӣ | | | Ҳамагӣ (Рӯзона) |
| | | | Рӯзона | | Тоҷикӣ | Русӣ | Тоҷикӣ | Русӣ | |
| 1 | 6D072400 | Мошинҳо ва таҷҳизотҳои технологӣ (аз рӯи соҳаҳо): | 9 | 9 | 1 | 1 | 4 | 3 | 9 |
| 2 | 6D072410 | Мошинҳо, агрегатҳо ва равандҳо (саноати хӯрокворӣ) | 9 | 9 | 1 | 1 | 4 | 3 | 9 |
| 3 | 6D072411 | Мошинҳо, агрегатҳо ва равандҳо (саноати сабук) | 8 | 8 | 1 | 1 | 4 | 2 | 8 |
| 4 | 6D072700 | Технологияи маҳсулоти хӯрока (аз рӯи соҳаҳои татбиқ) | 9 | 9 | 1 | 1 | 4 | 3 | 9 |
| 5 | 6D073300 | Технология ва лоиҳакашии маснуоти нассоҷӣ | 9 | 9 | 1 | 1 | 4 | 3 | 9 |
| 6 | 6D070500 | Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ | 6 | 6 | 1 | 1 | 2 | 2 | 6 |
| 7 | 6D050601 | Назарияи иқтисод | 6 | 6 | 1 | - | 2 | 3 | 6 |
| 8 | 6D050701 | Иқтисод ва идораи хоҷагии халқ (бо нишондодани ришта ва соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла иқтисод, ташкил ва идораи корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо; иқтисоди аҳолӣ ва демография; иқтисоди соҳибкорӣ) | 7 | 7 | 1 | 1 | 2 | 3 | 7 |
| Ҳамагӣ | | | 63 | 63 | 8 | 7 | 26 | 22 | 63 |
| Ҷамъ | | | 63 | | 15 | 48 | | | |

**Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои дохилшавӣ ба докторантура** (PhD) пешниҳод мешаванд:
- ариза ба номи ректор;
- нусхаи шиноснома;
- анкетаи дохилшаванда ба докторантура;
- нусхаи нотариалӣ тасдиқкардашудаи дипломҳои таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ ва замимаҳои онҳо (дипломи бакалавр ва магистр);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ, ки аз тарафи шуъбаи кадрҳо тасдиқ карда шудааст (ҳангоми доштани собикаи корӣ);
- сертификати супоридани имтиҳонҳои иловагӣ аз забони хориҷӣ, дар сурати мавҷуд будан (TOEFL ва ғайра);
- мактубҳои тавсиявӣ (бо тасдиқи муҳри ташкилот);
- рӯйхати чопи мақолаҳои илмӣ ва корҳои таълимӣ-методӣ (дар ҳолати надоштан пешниҳод намудани реферат аз рӯи ихтисос бо тақризи ба камтар аз ду мутахассиси соҳа);
- маълумотномаи тиббӣ шакли 086-У;
- 6 расми андозаи 3х4;

Ҳуҷҷатҳо барои дохилшавӣ ба докторантура- доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯи ихтисос **аз 10- уми июл то 25 августи соли 2021** қабул карда мешаванд.

Маълумоти иловагиро оид ба қабули докторантура- доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯи ихтисосро аз департаменти илм ва татбиқоти донишгоҳ дарёфт кардан мумкин аст.

**Суроғаи мо: ш.Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3**
**тел.: 234-24-96, 234-79-89, 908-08-78-77**
**E-mail: vestnik-tut@mail.ru**

Фановар

*Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.*

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ӯҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха.*